*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе,734067,*
*кӯчаи Нахимов,64/4*

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзӯи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.***

Механизми ташкили иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар мисоли минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ ҷойи марказиро ишғол менамояд. Аз ин ҷост, ки мукаммалгардонии механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар шароити ҷумҳурии мо, ки ҳамчун кишвари аграрӣ муаррифӣ гардидааст, хусусиятҳои махсуси соҳавии худро доро мебошад. Ҳалли мушкилотҳои дар боло қайдгардида ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани аҳолии кишвар бо маводи озуқавории ватанӣ такмили механизми ташкили иқтисодии истифодаи самаранокии захираҳои замин, аз ҷумла, риояи унсурҳои асосии низоми заминдорӣ, хусусан чорабиниҳои агротехникӣ ва мелиоративию ирригатсионниро тақозо менамояд. Мушкилоти дар боло нишондодашуда зарурияти таҳқиқҳои назариявию амалӣ ва пешниҳоди самту усулҳо ва механизмҳоеро талабгор мебошад, ки ба таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва истифодаи самараноки захираҳои заминҳои обёришаванда барои солҳои тӯлонӣ таъмин карда тавонад. Ҳалли масоили мазкур муҳимият будани мавзӯи тадқиқоти илмиро муайян намудааст.

Тибқи таҳлилҳои муаллиф майдони заминҳои шудгоршаванда, дарахтони бисёрсола, чарогоҳ дар солҳои таҳлили тамоюли афзоишро доро буда, заминҳои боир ва алафзори табиӣ рӯ ба камшавӣ доранд. Соли 2021 нисбат ба соли 2016 майдони заминҳои алафзори табиӣ ва боир 3,6%, 11,1% - рӯ ба пастравӣ дорад. Аз нигоҳи мо сабаби зиёдшавии заминҳои ниҳолҳои бисёрсола зиёдшавии майдони замини боғҳои лалмӣ ба боғҳои обӣ мебошад. Қобили қайд аст, ки дар соҳаи чорводорӣ 31,0% маҳсулоти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ истеҳсол шудааст, ки нақши заминҳои чарогоҳ дар истеҳсоли он хеле ҳам муҳим арзёбӣ мегардад (саҳ.17).

Ба ақидаи муаллиф, аксари мушкилоти тозаэъҷоди кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар шароити шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, мушкилотҳои амалигардонии комплексии чорабиниҳои мелиоративию ирригатсионӣ дар кишоварзӣ, баҳои иқтисодии истифодаи захираҳои замину об, риояи меъёрҳои агротехникии кишту парвариши зироатҳо, низоми андози мукаммалгардида, сармоягузории чорабиниҳои ба муҳофизат, нигаҳдорӣ ва барқароршвии захираҳои табиӣ алоқаманд аз зумраи мушкилоти номбурда ба шумор мераванд, ки такмили

механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзиро тақозо мекунанд. Аз ин лиҳоз, мушкилоту масъалаҳои дар боло зикргардида, зарурати ҳаллу фасли онҳо, мақсад вазифаи асосии кори илмии мазкурро муайян намуданд. Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ навишта шудааст, баъзе камбудиҳо низ дорад, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Дар банди "Муҳимияти мавзӯи тадқиқшаванда" беҳтар мешуд, ки ба ҷойи маълумотҳои оморӣ муаммоҳое, ки дар ин самт мавҷуданд, зикр гарданд;

2. Дар саҳифаи 21-и автореферат, диаграммаи 2 - сармоягузорӣ оид ба беҳтар намудани вазъи заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 2015-2021 таҳлил шудааст. Бисёр ба маврид мебуд дар ин зербоб оид ба тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ дар самти заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб таҳлил мегардид.

Дар маҷмуъ, қайд кардан ҷоиз аст, ки камбудиҳои овардашуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши назариявию методологӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Автореферати диссертатсияи номзадии Тешаев Мирзошарфи Саидҷаҳфарович дар мавзӯи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва рисоланавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**ТАҚРИЗДИҲАНДА:**

**Профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи ДМТ, д.и.и.** **Низомова Т.Д.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак. Теллефон: +992 93-423-82-20, E-mail. tuhfamoh49@mail.ru

**"Имзои Низомова Т.Д. "-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Тавқиев Э.Ш.**

01.03.2023